# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи номзадии Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳадович дар мавзуи «Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи муосири тоҷик» (дар мисоли ҳикояи давраи Истиқлол) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ. – Душанбе, 2023. – 192 с.**

Рисолаи номзадии Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳодович дар таҳқиқи масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар жанри ҳикояи муосири тоҷик (дар мисоли ҳикояи даври Истиқлол) пажуҳиши пурарзиш ва муҳим мебошад. Зикр кардан бамаврид аст, доираи афкору равишҳои маърифатии давраи мавриди таҳқиқ хеле фарох буда, дар қолаби ҳикоя тасвир намудани вижагиҳои ахлоқию иҷтимоии он ба таври густурда шоистаи омӯзишу таҳқиқ мебошанд. Аҳамият ва зарурати таҳқиқи ҳикояи даврони Истиқлол хазинаи маърифатиеро мемонанд, ки онҳоро метавон аз нигоҳҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор дод. Дар ин замина масъалаи муҳимме, ки ба пажуҳиши алоҳида ниёз дорад, таҳқиқи вижагиҳои жанрию мавзуии ҳикоя дар адабиёти муосир мебошад, ки ин равиш дар шинохти ҷанбаҳои сохториву мавзуӣ ва орову афкори адибони ин давр заминаи мусоидро фароҳам меоварад.

Мавриди омӯзиш ва пажуҳиш қарор додани масоили мазкур аз ҷониби Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳадович аз фаъолияти доимии ӯ дар омӯзиши пайвастаи масоили фавқ бозгӯӣ менамояд. Дар давраи Истиқлол муроҷиат ба жанри ҳикоя аз ҳама гуна таъсироти сиёсиву мафкуравӣ нисбатан раҳо ёфта, равандҳои адабӣ ва осори илмиву бадеии ӯ нисбат ба давраҳои қаблии омӯзиш воқеъбинона мавриди таҳқиқ дода шудааст, ки Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳадович дар ин раванд аз зумраи фаъолони ин мубоҳисаву мунозираҳо мебошад.

Ҷойи тазаккур аст, ки аввалин мақолаҳои пажуҳишӣ дар боби шинохти жанри ҳикоя ҳанӯз дар нимаи дуюми солҳои 30-уми садаи XX дар муҳити илмӣ оғоз ёфта, он маҳз ба робитаи устувори талаботи нави илмӣ бо муҳимтарин дастовардҳои адабиётшиносӣ дар замони шуравӣ

роҳ кушод. Мавриди зикр аст, ки бархе аз муҳаққиқон аз жанри ҳикоя ҷанбаҳои гуногуни таҳқиқи илмиро бо биниши танқидӣ муроҷиат намуда, ин жанри нисбатан фаъоли адабиётро манбаи омӯзиши афкори иҷтимоию ахлоқӣ ҳисобида, нақши ин жанри муҳимми адабиёти муосирро дар ташаккули равияҳои адабиёти даврони шӯравӣ ва адабиёти замони Истиқлол махсус таъкид намудаанд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар рисолаи мазкур вобаста ба дигаргуниҳои таърихию адабӣ баррасии ҳамаҷонибаи моҳияти иҷтимоию эстетикии адабиёт ба назар гирифта шудааст, ки ин ин гуна равиши таҳқиқ муҳаққиқро ба шинохти воқеии равандҳои илмию адабӣ дастёб намудааст. Муҳаққиқро дар ин маврид лозим меомад, ки ҳар гуна дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоӣ ва адабиро дар асоси жанри ҳикояи ин давр табақабандӣ намуда, онҳоро дар муайян намудани ҳудуди давраҳои инкишофи адабиётшиносиву матншиносӣ ҳамчун меъёри асосӣ истифода менамуд. Бо вуҷуди ин муҳокима ва мушоҳидаҳо муҳаққиқро водор намудааст, ки тарзу усули ҳалли масоили мавриди таҳқиқро бо дарназардошти дастовардҳои тозаи афкори таърихию адабӣ дар алоқамандӣ бо ҷараёни ташаккули дигар жанрҳои адабӣ, аз ҷумла, нақди адабӣ таҳлилу баррасӣ намуда, дар ин замина вижагиҳои хоси онҳоро муайян намудааст, ки инро яке аз дастовардҳои муҳимми рисолаи мазкур метавон арзёбӣ намуд.

Дигар аз дастовардҳои муҳимтарини рисолаи мазкур дар он аст, ки муҳаққиқ бори аввал дар заминаи маводи адибони даврони Истиқлол масъалаҳои умумии адабиётшиносии тоҷик дар ҳудуди давраи мушаххас, худогоҳии нақд, нақди осори назму наср, жанрҳо ва сабки онро таҳлилу баррасӣ намуда, ба натоиҷи хеле назаррас дастёб гардидааст.

Рисолаи Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳадович **“Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи муосири тоҷик” (дар мисоли ҳикояи давраи истиқлол)** унвон дошта, аз муқаддима, се боб, шаш фасл, хулоса ва китобнома иборат буда, онро аз рӯи маводди пажӯҳишӣ ва ҳалли амиқи

масоили мавриди таҳқиқ тадқиқоти илмии анҷомёфта ҳисобидан мумкин аст.

Муқаддимаи тадқиқоти мазкур тибқи муқаррароте, ки муайян шудааст, таҳия гардида, дар он аҳамият ва дараҷаи омӯзиши мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои рисола, аҳамияти илмию амалии тадқиқот, навоврӣ ва масоиле, ки ба ҳимоя пешниҳод шудааст, хеле муҳим ва амиқ нишон дода шудааст.

Боби якуми рисола "**Заминаҳо ва омилҳои адабию ҳунарии инкишофи жанри ҳикоя дар насри муосири тоҷик**" унвон дошта, он аз ду фасл иборат мебошад. Муҳаққиқ дар ин боб марҳилаҳои асосии шаклгирии жанри ҳикояи муосири тоҷикӣ ва ҳикояи реалистӣ ва қонуниятҳои жанрии онро дар насри муосир мавриди баррасӣ қарор дода, марҳилаҳои асосии пайдоиш ва ташаккули жанри ҳикояро табақабандӣ менамояд ва ин таснифоти худро бештар ба вижагиҳои мавзӯӣ марбут медонад. Хусусиятҳои жанрӣ, дигаргуниҳои шаклию сохторӣ, манбаҳои хусусияти реалистӣ пайдо кардани адабиё, хосатан ин жанри ҳикоя аз нигоҳи муҳаққиқ берун мондааст. Замони истиқлол, ки меҳвари асосии рисолаи мазкур мебошад, дар ин боб хеле маҳдуд ва мухтасар таҳқиқ гардида, симоҳои нави ин давра дар ҷараёни пажуҳиш иштирок надоранд. Дар масъалаи ҳикояи реалистӣ бошад, муҳаққиқ таъсир ва баҳрабардории адибонро аз меъёрҳои реализми сотсиалистӣ ҳамчун яке аз заминаҳои муҳими пайдоиши ҳикояи реалистӣ дар адабиёти муосир таъкид менамояд.

Боби дуюми рисола "**Мақом ва ҷойгоҳи ҳикоя дар насри тоҷикии давраи Истиқлол**" номгузорӣ шуда, дар он масоили идома ва инкишофи суннатҳои ҳикоянависии садаи бист дар насри давраи Истиқлол, махсусиятҳои инъикоси бадеии масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояҳои замони Истиқлолро ба риштаи пажуҳиш мекашад. Муҳаққиқ саҳми Пӯлод Толис ва Фазлиддин Муҳаммадиевро, ки дидгоҳҳо ва тарзи тозаи тасвири воқеиятро дар насри тоҷикӣ шакл дода, собит менамояд, ки "ҳунар

сирфан вазифаи идроки воқеиятро надошта, балки навъи хоси вокуниши фаъолонаи нависанда ба афъол ва рафтору кирдори инсон низ ҳаст”. Чунин хулосаи ҷолиб дар нисбати ин нависандагон хеле муфассал таҳқиқ гардида, баъдан ба навпардозиҳои нависандагони даврони Истиқлол Баҳманёр, Муҳаммадзамони Солеҳ, Сайдар ва дигарон ишора мешавад.

Муҳаққиқ дар баррасии масоили ин боб собит намудааст, ки вобаста ба тағйири вазъи сиёсӣ ва ба мустақилияти комил даст ёфтани кишвар дидгоҳҳои нависандагон оид ба инъикоси масъалаҳои иҷтимоӣ тағйир ёфта, берун аз ҳама гуна қайду шарт ба тасвири бадеии воқеияти иҷтимоӣ даст ёфтаанд. Ҳикояи ин давра бо фарогирии амиқи воқеият ва инъикоси типҳои гуногуни иҷтимоӣ, шахсиятҳо ва саҳнаҳои воқеӣ фарқ дошта, тамоюли мусбати инкишофи ин жанрро нишон медиҳад.

Муҳаққиқ ба хулосае меояд, ки ҳикояи давраи Истиқлол бо таҳаввули шаклӣ ва сохторӣ, фарогирии мавзуоти мухталиф, тарзи инъикоси воқеиятҳо ва амалу кирдори шахсиятҳо аз ҳикояи марҳилаҳои қаблии адабиёти тоҷик фарқи чашмрас дорад. Ин тафовут, албатта, таҷрибаи меросбарии эҷодкорона аз тозаҷӯиҳои нависандагони ҳикоянависи марҳилаҳои пешинро истисно намекунад. Вале омили аслии таҳаввулоти жанриву сохторӣ дар ҳикояи ин давра, аввалан воқеиятҳои пешрафтаи сиёсиву иҷтимоӣ ва мустақилияти фарҳангӣ, сониян қареҳа, диди тозаи маърифатӣ ва ҳунари нигорандагии нависандагони ҳикоянавис мебошад. Ин таҳаввулот, пеш аз ҳама, ба ҷустуҷӯи шаклҳои нави жанрӣ, тағйирот дар сохтори бадеии ҳикоя ва усули тозаи таҳкия алоқаманд буда, бозгӯи таҷрибаи судманди баъзе нависандагон дар ин замина аст.

Дар нисбати фишурдаи рисолаи мазкур ҳаминро қайд кардан ба маврид аст, ки он моҳияти рисоларо пурра ифода мекунад ва сабку забони он ҳам ба талаботи илмӣ ҷавобгӯй мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар адабиётшиносии даврони Истиқлол бори аввал вижагиҳои жанри ҳикоя аз лиҳози иҷтимоию ахлоқӣ дар шакли рисолаи алоҳида таҳқиқ шуда, он дар пажӯҳиши

масъалаҳои алоқаманд ба вижагиҳои жанрию мавзӯӣ аз ҷиҳати илмӣ пажӯҳиши тоза ва анҷомёфта мебошад.

Бо вуҷуди ин, дастовардҳо дар тадқиқоти мазкур баъзе нуқсонҳои ҷузъӣ ба назар мерасад:

1. Рисолаи мазкур агар дар асоси эҷодиёти Кӯҳзод таҳия мегардид, бештар муҳаққиқ ба натиҷаҳои муҳим дастёб мегардид, зеро осори Нависандаи халқии Тоҷикистон Урун Кӯҳзод дар тамоми ҷараёнҳои адабии солҳои Шуравӣ ва даврони Истиқлол бо диди нав ва ибтикорти тоза фаъол буд.

2. Дар ҷараёни таҳқиқ ба симоҳои намоёни адабиёти даврони Шуравӣ ва даврони Истиқлол ба мисли Ҳаким Карим, Сотим Улуғзода, Муаззама Аҳмадова, Сайдар ва Муҳаммадзамон Солеҳ камтар вомехӯрем. Ин шахсиятҳои адабӣ дар ташаккули насри муосир, хосатан Ҳаким Карим, Муаззама Аҳмадова ва Муҳаммадзамон Солеҳ хеле бузург аст. Ибтикороти ин нависандагон ҳамчун заминаи адабиёти даврони Истиқлол бояд мавриди баррасӣ қарор мегирифт.

3. Қисмати тағйироти шаклию сохторӣ дар нисбати ҳикояҳои Сорбон таҳқиқ шудааст, вале ин гуна муъҷазбаёниро дар эҷодиёти Баҳманёр, Раҷаб Амонов, Муаззаиа Аҳмадова мебоист баррасӣ мегардид

4. Маводи рисола бештар дар заминаи адабиёти баъди солҳои 80-уми қарни XX созмон ёфтааст, бинобар ин, номи мавзуъ, нақшаи кор ва ҳатто китобнома дар асоси маводи тадқиқотӣ тартиб дода мешуд беҳтар буд.

5. Нуқсонҳои имлоию услубӣ дар рисола ба назар мерасад ва ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад кард.

Камбудиҳои ҷузъии ишорашуда ҳеҷ гоҳ сатҳи илмии рисолаи мазкурро коҳиш намедиҳад ва умедворем, ки аз ҷониби унвонҷӯ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтани онҳо боиси такмил ёфтани сатҳи илмии тадқиқоти анҷомдодашуда хоҳад гашт.

Умедворем, ки ин рисола ба сифати як асари тадқиқотиву таҳқиқӣ дар мавзӯи адабиётшиносӣ барои муҳаққиқини соҳаи забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, назмшиносӣ ва каломи бадеъ судманд ва ҷиҳати боз ҳам дақиқ омӯхтану баррасӣ намудани ин равандҳои адабӣ мусоидат хоҳад кард. Рисолаи Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳодович таҳти унвони "**Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи муосири тоҷик» (дар мисоли ҳикояи давраи Истиқлол)**" ҳамчун тадқиқоти анҷомёфта, комилан ба меъёри рисолаи номзадӣ мутобиқат буда, ба талаботи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.04- Таърихи адабиёт, робитаҳои адабӣ мебошад.

доктори илми филология,
дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Одинаев
Нурмахмад Сафарович

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Карабоев, 63/3.
E - mail: odinaievn@mail.ru
Сомонаи муассиса: www.tut.tj
Тел: (+992) 93-445-33-44; (+992) 2-50-15-35.
Факс: (+992-37) 2-34-49-88.

Имзои дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ
Одинаев Н.С.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Бухориев
Нарзулло Абдулҳусейнович

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН * ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА * ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

13.11.2023